# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 14 майи соли 2021** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (Мушовири илмӣ – Буризода Эмомалӣ Бозор – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Маликова Азиза Ҳорисовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи ҳуқуқ ва фалсафаи Донишгоҳи давлатии иқтисодии Самара (Федератсияи Россия); Муҳаммадӣ Изатулло Сайфуллозода – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини якуми прокурори вилояти Суғд, Элназаров Давлатшо Хоҷаевич-доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, баромади аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Холиқзода А.Ғ., Зоир Ҷ.М., Шарофзода Р.Ш., Сафарзода Б.А., Азиззода У.А. ва муқарризи ғайрирасмӣ Шарипов Т.Ш.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Одиназода Рамазон Сафар, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1.Диссертатсияи Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти аспирант пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Одиназода Рамазон Сафар дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Одиназода Рамазон Сафарро бо дипломи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**